«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, д.и.и., профессор
Хушвахтзода Қ. Х.________
«15» ___02___ 2022 с.

# ХУЛОСАИ

## кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Турдиназаров Абдулмумин Саидович дар мавзуи: «Омили исломӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

Дар марҳалаи омода намудани диссертатсия Турдиназаров Абдулмумин Саидович ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуд. Ҳамзамон ӯ аз соли 2020 то имрӯз ба ҳайси муаллими калони кафедраи сиёсатшиносӣ фаъолият менамояд.

Турдиназаров А.С. соли 2007 факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси сиёсатшиносӣ хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадӣ аз санаи 15-уми феврали соли 2022, таҳти №15 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Зокиров Г.Н., ба ҳайси профессори кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи ДМТ фаъолият менамояд.

**Вобаста ба натиҷаҳои муҳокимаи рисола хулосаҳои зерин қабул гардиданд:**

Омӯзиши моҳияти раванди эҳёи динӣ ва масъалаи «омили исломӣ»

имконият медиҳад, ки падидаи мазкур возеҳтар дарк карда шавад. Ҷанбаҳои мусбату муфиди он мушаххас карда шаванд ва барои рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он ба таври дуруст ва самаранок истифода гардад. Ҳолати мазкур на танҳо дорои аҳамияти илмӣ аст, балки бештар хосияти таҷрибавию амалӣ ва сиёсию ҷамъиятии онро рӯзмарра мегардонад. Чунин тарзи муносибат ва баҳсҳои зиёд дар атрофи муайяаннамоии моҳияти мафҳумҳои «омили исломӣ» ва «эҳёи исломӣ» имконияти таҳқиқ ва дарки тағйири моҳиятии зуҳуротҳоро дар исломи муосир фароҳам меорад.

Бисёре аз муҳаққиқон ба ин назаранд, ки хангоми таҳқиқи мақом ва нақши дин муносибати таърихӣ, дар назар гирифтани шароити замону макони мушаххас ва муносибати объективонаро металабад. Маҳз ни навъи муносибат имконият медиҳад, ки ҳар гуна таҳқиқотҳои илмӣ хосияти самарбахши хешро пайдо намоянд. Дар шароити муосир гарчанде, ки дин ба муносибатҳои иқтисодӣ ва дигар соҳаҳои фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири амиқ мерасонад, аммо ҳамчун зербино ва унсури муайянкунанда маҳсуб намеёбад, аз ин ҷост, ки дар ҷомеаҳои мухталиф ба он мақоми гуногунро сазовор дониста, муносибати мутафовитро пеша менамоянд. Чунин тарзи муносибат зимни омӯзиши мақом ва нақши омили исломӣ дар шароити феълии Тоҷикистон низ аз ин қоида истисно нест.

Вобаста ба чунин ҳолат қисме аз муҳаққиқон қайд менамоянд, ки набояд дар бораи эҳёи исломӣ, балки дар бораи эҳё шудани «исломизм» – ҳамчуни идеологияи мусалмонии қишри таҳсилдида ва интеллигенсия ҳарф зад, зеро ки худи ислом ба ҳайси дини ҷаҳонӣ ҳеҷ гоҳ аз байн нарафтаю фано наёфтааст, аз ин лиҳоз он эҳтиёҷ ба эҳё надорад. Эҳё шудан ва ё аниқтараш фаъол шудани унсурҳое, ки бо он алоқамндӣ доранд, маҳз онҳоро бояд дар назар ғирифт. Ин раванд мусалламан зуҳуроти ҷамъиятӣ буда, алоқамандии мустақим ба он дигаргуниҳою тағйиротҳое дорад, ки дар ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавию фарҳангии Тоҷикистони муосир ба вуҷуд омадаанд. Таҳқиқ ва баҳогузории вазъи

динӣ, тақозо менамояд, ки сатҳи гуногунии динҳо, конфессияҳо, ҷараёнҳои динӣ, шумораи умумии онҳо, муносибатҳои мутақобилаи байни ҳамдигарии онҳо, зуҳуру мавҷудияти таърихии онҳо дар ҳудуди географии ҷомеаи мазкур ва сатҳи муносибати мутақобилаю байниҳамдигарии онҳо бо ҷомеа ва давлати муосир бояд дар назар гирифта шаванд.

**Аҳамияти мавзуи интихобшуда** дар он ифода мегардад, ки дар шароити ҳозира Тоҷикистон яке аз давраҳои мураккаби инкишофро аз сар мегузаронад. Тағйиротҳои аввали солҳои 90-уми асри XX дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ дигаргуниҳои куллиро ворид намуданд. Яке аз чунин падидаҳо ва зуҳуроте, ки дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар ба вуҷуд омад, раванди эҳёи динӣ маҳсуб меёфт. Моҳиятан ин раванд як қатор нишондодҳо ва унсурҳои махсусеро дар замири худ ифода менамуд. Махсусан, аз лиҳози вақту замон дар камтарин фурсат ва бо суръати баланд афзоиш ёфтани шумораи эътиқодмандон, эътибори хоса пайдо намудани созмонҳо ва иттиҳодияҳои динӣ, зуҳури ҳаракату ҷараёнҳои ҳизбию динӣ дар асоси рӯовариҳои арзишии мухталиф омӯзиши падидаи мазкурро рӯзмарра мегардонад.

Ҳолати таҳқиқу омӯзиш ва коркардшудани масъалаи таъсиррасонӣ, паёмад ва дурнамои омили исломӣ дар раванди ташаккулёбии давлатдорӣ ва ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон баҳогузории яксону объективӣ сурат нагирифтааст. Ҳолати мазкурро дар мақолаҳо ва осори илмие, ки вобаста ба масъалаи мазкур солҳои охир нашр гардидаанд, метавон мушоҳида намуд. Аз ҷониби дигар, муҳаққиқон дар муайян намудани мавқъ ва мавзеъгирии хеш вобаста ба таҳқиқи масъала комилан зери таъсири омилҳои зиёди объективию субъективӣ монда, омӯзиши масъаларо мураккабу сарбаста мегардонанд. Вобаста ба чунин ҳолат қисмати зиёди ҷанбаҳои асосию бунёдии он аз назари омӯзишу таҳқиқ дур мемонанд, ё камтар ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст ва ё ба таври яксон аз рӯйи методологияи ягонаю яксон муносибатҳо сурат

гирифтааст. Қисмати дигаре аз андешамндон бошанд бетарфию хомӯширо ихтиёр намудаанд.

Ба ғайр аз сирфан аҳамияти илмӣ-назариявӣ доштани масъалаи таҳққиқшавандаи диссертатсия, он бештар хосияти амалиро низ дорост. Он метавонад ҳангоми таҳлилу коркард намудан дурнамои стратегии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон дар муносибат бо ислом дар шароити навини инкишоф бо назардошти манфиатҳои миллӣ вобаста ба масъалҳои мазкур, комилан мусоидат намояд.

**Иштироки шахсии унвонҷӯ** дар дарёфти натиҷаҳое, ки дар рисола нишон дода шудаанд. Диссертатсия номзадии Турдиназаров Абдулмумин Саидович таҳқиқоти мустақилона, ба таври эҷодкорона ба итмомрасидаи пажӯҳиши илмие мебошад, ки аҳамияти назариявӣ ва амалиро доро буда, бо хусусиятҳои рӯзмаррагӣ ва навгониҳо фарқ менамояд.

**Мақсади асосии диссертатсияро** таҳлилу баррасӣ ва омӯзишу пажӯҳиши таҳлилу натиҷагирии хусусиятҳо, ҷараёни инкишоф ва паёмадҳои омили исломӣ дар раванди инкишофи сиёсии кишвар, муайян намудани заминаҳо ва махсусиятҳои зуҳури исломи сиёсӣ, мақому нақш ва сатҳи таъсиррасонию нуфузи он дар раванди сиёсии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқотро маҷмуи методҳои умумиилмӣ, ба монанди системанокӣ, объективият, мушаххасият, муқоисавию таърихӣ ва сотсиокултурологӣ ташкил менамоянд. Ҳамчунин, дар раванди таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба омили исломӣ истифода аз методҳои таҳлилию усулҳои консептуалӣ ва муносибати комплексию ғоявӣ мусоидат намуданд. Барои ба иҷро расонидани мақсадҳо ва ҳадафҳои таҳқиқотӣ ва муайян намудани мақом ва нақши ислом дар гузашта ва шароити имрӯза аз методҳои синергетикӣ, таркиботию функсионалӣ ва муқоисавӣ ба таври васеъ истифода намудем.

Гуногунсамтӣ ва пурмазмунии масъалаҳо, ки дар раванди таҳқиқот аз худ дарак медоданд зарурати муносибати эмперикӣ, таҳлили сохторӣ ва умумигардонии назарияро металабиданд. Дар раванди омӯзиш аз методи мушоҳидаи бевоситаи ҳодисаҳои дохилӣ ва хориҷӣ, таҳлили сиёсии омили исломӣ дар рушди ҷараёнҳои ҷомеаи муосир ба таври самаранок истифода гардидаанд. Асосҳои методологӣ дар худ синтези муносибатҳои мухталифи назариявиро ифода менамоянд, ки ба таҳлили сиёсии маводҳо мусодиат намуда, дар муайян намудани мақом ва нақши омили исломӣ дар шароити навини Тоҷикистон саҳми асосӣ гирифтааст.

**Навовариҳои назариявии диссертатсия** дар гузориши масъала зоҳир мегардад. Ҳадафҳо ва вазифаҳои диссертатсияи мазкур доираи васеи масъалаҳои вобаста ба ислом ва равандҳои баҳамтаъсиррасонии дину сиёсатро дар марҳилаи навини рушди Тоҷикистон дар шакли зерин таҳқиқ гардидаанд:

- вазъият ва шароити кунуние, ки Тоҷикистон дар раванди ишкишофи қарор дорад, ҳамчун давари гузариш маънидод мегардад. Ҳолати мазкур тақозо менамуд, ки сатҳи таъсиррасонии падида ва зуҳроти фаъоле ба мисли омили исломӣ ба раванди сиёсии ҷомеа мавриди таҳлил ва таҳқиқи амиқи илмӣ қарор дода шуд;

- кӯшишҳо ба харҷ дода шуд, ки то ҳадди имкон асосҳои назариявию методологии омили исломӣ дар асоси муносибати системанокӣ омӯзиш ва баррасии он хосияти амалӣ пайдо намуданд;

- омилҳо, заминаҳои асосӣ ва махсусиятҳои зуҳури исломи сиёсӣ ва мақоми он дар низоми муносибатҳои сиёсии ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон ба таври возеҳ ошкор карда шудаанд;

- асосҳои механизми таъсиррасонӣ ва нуфузи омили исломӣ, иттиҳодияҳо ва созмонҳои динӣ дар раванди сиёсии ҷомеа муайян гардидаанд;

- пешниҳод мегардад, ки омили исломӣ дар алоқамандӣ бо дигар падида ва унсурҳои раванди рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мавриди таҳлилу баррасии амиқтар қарор дода шавад;

- тавсияҳои назариявию амалӣ дар асоси анъана ва таҷрибаи таърихии мақом ва нақши мусолиматомези дини ислом баҳри таҳкими суботи ягонагии ҷомеаи муосири Тоҷикистон баён карда шудаанд;

- баъзе аз хосиятҳо, тамоюлҳо ва дурнамои омили исломӣ дар раванди сиёсии ҷомеа нишон дода шудаанд.

**Аҳамияти назариявию амалии диссертатсия.** Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми омӯзиши минбаъдаи масъала истифода намуд. Он дар раванди таҳлил ва хулосагириҳои пажӯҳиши масъалаҳои мақом ва нақши ислом дар фазои сиёсии ҷомеа, баҳамтаъсиррасонии вазъияти сиёсӣ ва фаъолияти иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои динӣ дар шароити Тоҷикистон ба сифати манбаи зарурӣ истифода хоҳад гардид. Дин ҳамчун падидаи давомдори иҷтимоӣ махсусан ислом ба таври потенсиалӣ омили муҳими таркибии бисёре аз равандҳои фаъоли ҷомеа баромад хоҳад намуд. Ба ғайр аз ин, ҳолатҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд дар оянда ба сифати асоси бунёдии ҳам заминаҳои назариявӣ ва ҳам амалию муқоисавии таҳқиқи бисёре аз масъалаҳои таъсиррасонии омили исломӣ ба рушди ҳамаҷонибаи Тоҷикистон баромад намоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар идомаи раванди коркарди назариявии масъалаҳои муносибатҳои мутақобилаи давлат ва дин, мақом ва нақши ислом дар равандҳои сиёсии ҷомеа, ҳамаҷониба мавриди истифодаи васеъ қарор гиранд. Он тавсия менамояд, ки ба равандҳои иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа қабл аз ҳама баҳои объективӣ дода шаванд, баъдан доираҳои масъул дар умум муносибати таҳқиқшудаю санҷидашудаи илмиро нисбати падидаҳои ҳассоси динию эътиқодотӣ ихтиёр намоянд.

Дар зимни ин метавон маводҳои рисоларо дар таълими фанҳои “Сиёсатшиносӣ”, “Моҷарошиносӣ”, “Манфиатҳои миллии Тоҷикистон”, “Равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ”, “Геополитика” ба сифтаи таълими курси махсус, хосатан курсҳои исломшиносӣ ва дар омӯзиши мавзуҳои рӯзмарраи чун терроризм ва экстремизм ва ҳамчунин дар марказҳои таҳқиқотию ояндаnигарӣ ва полемологӣ истифода намуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои илмии олимон ва муаллифон, ки дар шакли монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмии дар маҷалаҳои тақризшавандаи байналмилалӣ, инчунин асарҳо ва Паёмҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махзанҳои электронии интернетӣ, сомонаҳои расмии вазорату идораҳои дахлдори соҳавӣ ташкил менамоянд.

Корҳои нашршуда ва автореферат мазмуни асосии рисоларо инъикос менамоянд.

Мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

1 - М. Турдиназаров, А.С. Рушди таълимоти исломи сиёсӣ дар замони муосир [Матн] / А.С. Турдиназаров // Маводҳои конф. ҷумҳ. «Маърифати иҷтимоӣ: масъалаҳо, анъанаҳо, дурнамо», 30 нояб. - Душанбе, 2011. - С. 185-193.

2 - М. Турдиназаров, А.С. Баррасии масъалаҳои мухталиф оид ба мафҳуми «исломи сиёсӣ» [Матн] / А.С. Турдиназаров // Маводҳои конф. ҷумҳ. «Иҷлосияи XVI Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷкистон ва масъалаҳои муҳимтарини инкишофи сиёсии кишвар», 25 окт. - Душанбе, 2012. - С. 80-84.

3 - М. Турдиназаров, А.С. Таносуби ислом ва арзишҳои либералии ғарбӣ [Матн] / А.С. Турдиназаров // Таджикиский национальный университет – Центр подготовки квалифыцированных спецалистов. – Душанбе, 2013.- С.198-202.

4 - М. Турдиназаров, А.С. Омили исломӣ: моҳият ва хосиятҳои асосии он [Матн] / А.С. Турдиназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - №2/1. (193). - Душанбе, 2016. - С. 275-281.

5 - М. Турдиназаров, А.С. Исломи сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ: таносуб айният ва тафовутҳо [Матн] / А.С. Турдиназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - №2/3. (201). - Душанбе, 2016. - С. 292-297.

6 - М. Турдиназаров, А.С. Ислом: асилтарин қурбонии терроризм [Матн] / А.С. Турдиназаров // Терроризм: моҳият, хосиятҳо ва раванди ташаккулу инкишоф. - Душанбе, 2016. - С. 90-96.

7 - М. Турдиназаров, А.С. Религиозная ситуация в современном Таджикистане [Текст] / А.С. Турдиназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - № 2/6. -Душанбе, 2017. - С. 309-313.
8 - М. Турдиназаров, А.С. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои эътиқодию динӣ [Матн] / А.С. Турдиназаров // Мав. конф. ҷум. илмӣ-назариявӣ «Масъалаҳои рӯзмарраи инкишофи давлати муосир» - Душанбе, 2018. - С. 135-145.
9 - М. Турдиназаров, А.С. Доктринаи иҷтимоию сиёсии ислом ва хосиятҳои асосии он [Матн] / А.С. Турдиназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - №10. Қисми II. - Душанбе, 2019. - С.321-325.
10 - М. Турдиназаров, А.С. Масъалаҳои методологии таҳқиқи омили исломӣ дар замони муосир [Матн] / А.С. Турдиназаров // «Масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таҳким ва такмили истиқлолияти Тоҷикистон». – Душанбе, 2021. - С. 274-284. ISBN 978-99985-58-75-5
11 - М. Турдиназаров, А.С. Омили исломӣ ва хусусиятҳои асосии он дар раванди сиёсии Тоҷикистон [Матн] / А.С. Турдиназаров // Маҷмуа маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир» бахшида ба 30 – солагии истиқ. ҶТ ва 20 – солагии факултети фалсафаи ДМТ. – Душанбе, 2021. 507 с. – С. 329-334. ISBN 978-99975-338-3-8
12 - М. Зокиров, Г.Н., Турдиназаров, А.С. Асосҳои методологии таҳқиқи омили исломӣ дар раванди сиёсӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров, А.С. Турдиназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - №7. - Душанбе 2021. - С. 263-269. ISSN 2413-5151

Диссертатсияи Турдиназаров Абдулмумин Саидович дар мавзуи «Омили исломӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистони муосир» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба Шӯрои тахассусии 6D.КОА–001 дар назди Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон пешниҳод мегардад. (Протоколи кафедра №7, аз 23.02.2022).

Хулоса дар бораи диссертатсияи А.С. Турдиназаров дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон қабул гардидааст.

Дар маҷлис 15 нафар иштирок намуданд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар., «муқобил» - нест, «бетараф» - нест, протоколи №7, аз 23 феврали соли 2022.

Мудири кафедраи сиёсатшиносии
факултети фалсафаи ДМТ
н. и. с., дотсент М.М. Абдулҳақов

Котиби маҷлиси кафедра У. Исаев.

Имзои М.М. Абдулҳақов
ва У. Исаевро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва қисми махсуси ДМТ Э.Ш. Тавқиев

«23» феврали соли 2022.